Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA–063
назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва
соҳибкории Тоҷикистон
(Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734055, хиёбони
Борбад 48/5)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Баҳодурова Қумринисо Қаюмовна дар мавзуи «Такмили муҳити молиявии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли соҳибкории кишоварзӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.06 - Иқтисодиёти соҳибкорӣ пешниҳод шудааст**

Аз мазмуну муҳтавои автереферат бармеояд, ки дар ин кор тадқиқоти муҳити молиявии соҳибкорӣ дар иқтисодиёти кишоварзӣ гузаронида шуда, бо ин мақсад таъминоти молиявии соҳибкорӣ дар иқтисодиёти кишоварзӣ таҳлил гардидааст. Барои ин захираҳои молиявии дохилӣ ва берунии соҳибкории истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, сохтори захираҳои молиявии корхонаҳои кишоварзӣ, чораҳои дастгирии молиявии давлатии тиҷорати аграрӣ таҳлил карда шуданд. Ҳангоми гузаронидани тадқиқот усулҳои омории таҳлил истифода шуданд.

Бояд қайд кард, ки масъалаҳои муҳити молиявии соҳибкорӣ дар иқтисодиёти аграрӣ аз сабаби аҳамияти соҳа дар таъмини аҳолӣ бо озуқаворӣ калидӣ ба ҳисоб меравад. Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки муҳити молиявии соҳибкорӣ ҳамчун маҷмӯи омилҳои дохилӣ ва беруна мустақим ва ё ғайримустақим ба ташаккул ва рушди соҳибкорӣ таъсир мерасонанд. Сатҳи пасти капитализатсияи истеҳсолот, гарон будани арзиши қарзҳои бонкӣ, сарбории баланди андозӣ омилҳои боздорандаи рушди соҳибкорӣ гардидаанд. Муҳити молиявӣ дар сатҳи макроиқтисодӣ ва микроиқтисодӣ барои рушди соҳибкорӣ талаботи объективӣ ва вазифаҳоест, ки новобаста аз манфиатҳои иқтисодӣ бояд муҳайё карда шавад.

Ба ҳамагон маълум аст, ки дар татбики самараноки хадафҳои стратегӣ ва дурнамои рушди иқтисодиёти кишвар дар қатори дигар соҳаҳо, бахши соҳибкорӣ низ мавқеи махсусро ишғол менамояд, ки омили назарраси таъмини бозори истеъмолии кишвар бо маҳсулоти кишоварзӣ мебошад. Соҳибкории кишоварзӣ ҳамчун соҳаи афзалиятноки иқтисодиёти кишвар барои таъмини амнияти озуқавории кишвар ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ мусоидат карда, ба устувории вазъи иқтисодию молиявӣ дар кишвар замина мегузорад.

Аз автореферат бармеояд, ки дар қисми назариявии диссертатсия муаллиф дар асоси таҳлили консепсияҳои назариявӣ мавқеи худро асоснок карда, иброз намудааст, ки таҷрибаи ташаккули муҳити соҳибкорӣ, ки дар давлатҳои пешрафта истифода мешавад, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо ҳамчун асоси методологӣ метавонад татбиқ карда шавад ва механизмҳои мушаххаси татбиқи он бояд хусусиятҳои хоси Тоҷикистон, аз ҷумла

иқтисодиёти давраи гузариш, асосҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва фарҳангии рушди соҳибкорӣ; зарурати такмили механизми андозбандии субъектҳои соҳибкорӣ бо назардошти раванди ташаккули муҳити соҳибкорӣ ба назар гирифта шавад. Дар баробари ин, муаллиф ба низоми кунунии танзими давлатии раванди ташаккули фазои соҳибкорӣ дар кишвар баҳои илмӣ дода, зарурати пурзӯр намудани нақши ҳавасмандгардонии давлатро дар ҳалли ин мушкилот қайд кардааст. Дар асоси таҳлили вазъи маблағгузорӣ ва қарздиҳии соҳибкорӣ сабабҳои заифии молиявии субъектҳои хоҷагидориро ошкор намудааст.

Дар автореферат вазъи муосири фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардида, хулосаҳои асосноки муаллиф дарҷ гардидаанд. Муаллиф ба хулосае омадааст, ки барои рушди соҳибкории кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои ҳуқуқӣ муҳайё карда шудааст ва онҳо метавонанд ба рушди минбаъдаи соҳибкорӣ мусоидат намоянд. Вале ба ақидаи муаллиф, новобаста аз мавҷуд будани асосҳои ҳуқуқии рушди соҳибкорӣ дар шароити муосир, мутаассифона хоҷагиҳои навтаъсиси деҳқонӣ (фермерӣ) аз имкониятҳои мавҷуда самаранок истифода намебаранд, зеро аз 1 га заминҳои таъиноти кишоварзӣ нисбат ба хоҷагиҳои аҳолӣ 13,4 маротиба камтар маҳсулот истеҳсол менамоянд.

Муаллифи диссертатсия бар он нуқтаи назар аст, ки дар Тоҷикистон вазъи муҳити молиявии рушди соҳибкориро бахши иқтисодиёт баҳо дода метавонад, вале бахши молиявӣ ҳоло ҳамчун асоси маблағгузории иқтисодиёти миллӣ пурра ташаккул наёфтааст, зеро таносуби дороиҳои бозори молия нисбат ба ММД дар Тоҷикистон нисбат ба нишондиҳандаҳои молиявии мамлакатҳои ҷаҳон ночиз буда, танҳо 0,26 фоизро ташкил медиҳад.

Дар автореферат ҳолати сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзии молиявӣ таҳлил гардида, муаллиф қайд менамояд, ки нишондиҳандаи муҳими муҳити молиявии рушди иқтисодиёт сандуқи қарзии ташкилотҳои молиявию қарзӣ ба ҳисоб меравад ва дар кишвар тамоюли афзоиш дорад. Агар бақияи сандуқи қарзӣ дар соли 2017-ум ба 8,5 млрд сомонӣ баробар бошад, пас он дар соли 2023 ба 17,5 млрд сомонӣ расид, ки 2,1 маротиба зиёд аст.

Дар давраи таҳқиқот муаллифи диссертатсия ҳолати муосири микромуҳити молиявии соҳибкорӣ дар ҶДММ «Латиф Муродов» ва кооперативи тиҷоратии «Баракати Ватан»-и шаҳри Ҳисор, инчунин хоҷагии деҳқонии «Файзулло Саидов»-и ноҳияи Қубодиёнро таҳқиқ карда, дараҷаи даромаднокии онҳоро муайян намудааст.

Аз ин рӯ, метавон чунин хулоса баровард, ки таҳқиқоти диссертатсионии Баҳодурова Қ.Қ. аҳамияти муайяни илмию амалӣ дорад. Махсусан имконияти истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар такмили муҳити рушди молиявии соҳибкорӣ зоҳир мегардад.

Хуб мешуд, агар муаллифи диссертатсия ба ғайр аз хоҷагиҳои номбаргардида ҳолати муосири микромуҳити молиявии соҳибкории дигар хоҷагиҳои деҳқонии мамлакатро таҳқиқ мекарданд, кори диссертатсионӣ боз ҳам мукаммалтар мегардид.

Мундариҷаи автореферати диссертатсия бо истифода аз принсипи пайдарҳамии мантиқӣ таҳия гардидааст ва иҷрои мақсаду вазифаҳои гузошташуда инъикоси худро ёфтааст.

Аз мазмуну мундариҷаи автореферат бармеояд, ки таҳқиқоти диссертатсионии Баҳодурова Қумринисо Қаюмовна дар мавзуи «Такмили муҳити молиявии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли соҳибкории кишоварзӣ)» дорои арзиши илмию амалӣ буда, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267, аз 30 июни соли 2021) ҷавобгӯй аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.06 - Иқтисодиёти соҳибкорӣ мебошад.

Мудири кафедраи молия ва қарз
дар КАС-и Донишгоҳи аграрии
Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур,
номзади илмҳои иқтисодӣ Бобозода Алишер Абдураҳмон

01.12.25

*Имзои Бобозода А.А.-ро тасдиқ мекунам.*

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ
ва кадрҳои ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур Қурбонзода Аваз Хол

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146.
E-mail: a_bobozoda@mail.ru
Телефон: (+992) 900-64-19-25